Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо -10 а.

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Авезов Азизулло Ҳабибович ба кори диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.

## Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба фаслҳои зерини шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1 - 2 (25 - 26) 2023 қабул гардидааст, мутобиқ мебошад: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбию баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 3. Пойгоҳи захиравии рушди соҳаи саноат ва энергетика, проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, нерӯи инсонӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 7. Асосҳои назариявию методологии ташаккул, амалкард ва рушди бозори энергетикӣ; 8. Нархгузорӣ дар бозорҳои захираҳои энергетикӣ, нерӯи барқ ва гармидиҳӣ. Методҳои маҳдудсозии нархгузории инҳисорӣ. Танзими зиддиинҳисории бозорҳои захираҳои энергетикӣ. Сиёсати тарофавӣ дар соҳаи энергетика; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 31. Арзиши бозории субъектҳои хоҷагидории саноат ва маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ. Методҳои арзёбии арзиши бозории корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ; 36. Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика.

## Мубрамии мавзуи диссертатсия

Дар шароити мунтазам тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва унсурҳои асосии бозорӣ энергетикӣ, бахусус ҳаҷми талабот ва таклифот, инчунин нархи кору хизматрасониҳои гуногун аҳаммияти такмили механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва рақамии фаъолияти самараноки объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ бо шиддат афзоиш ёфта истодааст. Вобаста ба ин, дар заминаи ҳадафҳои олии рушди

мамлакат-таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, ҳамзамон барқарорсозӣ ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори энергетикӣ, пайдо намудани сарчашмаҳои нави энергетикаи барқӣ, таҳияи шаклҳои муассирии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар бозори энергетикӣ ҷиҳати таъмини талаботи аҳолӣ ва соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо энергияи барқии дастрас ва арзон мубрам мебошад. Аз ин сабаб, яке аз масъалаҳои калидии таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва дар заминаи он тақвиятбахшии суръати рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон маҳз дар фаъолияти мунтазаму самараноки объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ мебошад, ки ҳамасола барои ташкилу таҷдиди чунин объектҳо равишҳои илмӣ ва таҳияи татбирҳои амалӣ аз тарафи ҳукумати мамлакат таваҷҷӯҳи бештар зоҳир гардида истодааст. Бо назардошти мавқеъ ва аҳаммияти бозори энергетика дар раванди саноатикунонӣ ва таъмини иқтидорҳои иловагии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзияҳои илмии дар назарияи рушди бозори энергетикӣ асоснокшаванда, таҳияи тавсияҳои амалӣ ва гузаронидани озмоишҳои воқеӣ барои таъмини рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хос дорад.

Афзоиши ҳаҷми талабот дар бозори энергетика, тағйирёбии сохтори истеъмолии аҳолӣ, бахусус бештар гардидани истифодаи дастгоҳу таҷҳизотҳои маишӣ барои аҳолӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар соҳаҳои иқтисодиёт на танҳо таҷдиди технологиву барқарорсозии объектҳои инфрасохтори соҳаи энергетикаро тақозо менамояд, балки вобаста ба вазъи бозори ҷаҳонӣ ва омилҳои табиӣ аҳаммияти масъалаҳои ташкил ва ташаккули шаклҳои муосири объектҳои алтернативии инфрасохториро бо назардошти иқтидори пардохтпазирии аҳолӣ ва иқтисодиёти сабз бештар менамоянд. Таҳқиқу таҳлили ин масъалаҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ташкилу ташаккули механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат нақши калидӣ дорад. Албатта то имрӯз, паҳлӯҳои гуногуни рушди саноати энергетикаи Тоҷикистон мавриди таҳқиқотҳои гуногунаҳаммият қарор дода шудааст. Аммо, таҳқиқотҳои мустақим вобаста дар самти рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо назардошти мунтазам тағйирёбии унсурҳои асосии бозор нокифоя боқӣ мондааст, ки мубрамӣ ва аҳаммияти илмию таҳқиқотии мавзуи такрзшавандаро асоснок менамояд.

### Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Муқаррароти асосии илмие, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст вобаста ба равиш, услуби муассир ва сабки хоси таҳқиқоти гузаронидашуда эътмоднокии рисолаи диссертатсйониро асоснок менамояд. Ошкорсозии фарзияҳои мураккаби дар ақидаҳои назариявӣ таҷассумёбанда зуҳуроти худро пайдо намуда, тавассути равиши методологии наву амалигардонии натиҷаҳои таҳлилӣ ва истифодаи методи муқоисавиии техникию иқтисодӣ ҳамчун варианти алтернативии

рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, бо таваҷҷӯҳ ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикӣ дар ҳошияи иқтисоди сабз ифода гардидааст. Таҳқиқоти илмӣ ба истифодаи дурусти як қатор усулҳои умумиилмӣ, бахусус таҳқиқотии мантиқиву назариявӣ, таҳлили иқтисодӣ, синтез, таҳқиқи бозор, иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ, инчунин дар мушоҳидаи шахсии муаллиф, инчунин дар истифодаи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодӣ ва ояндабинӣ асос ёфтааст.

Интишороти муаллиф дар мавзуи тақризшаванда нуқтасанҷии васеъ ва натиҷагириҳои муқаррароти рисолаи диссертатсиониро собит менамояд, ки натиҷаҳои асосии он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҷумҳурӣ, маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналамилалӣ нашр гардидааст.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда

Аз муҳтавои рисолаи диссертатсионии Каримов Р.И. маълум мегардад, ки дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, воқеан ҳам натиҷаҳои нави илмию назариявӣ ва амалии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шуда, инчунин ақидаҳои пешниҳодшуда аниқ баён гардидааст ва нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аҳаммияти навгонии илмӣ доранд, бо чунин тартиб пешниҳод гардааст:

- муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар асоси фарзияҳои илмӣ ҷанбаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозори энергетикиро асоснок намуда, хусусиятҳои таркибии бозори соҳаро ба низом даровардa, аз рӯйи хусусиятҳои истифодабарӣ, сатҳ ва мавқеи ҷойгиршавӣ кору хизматҳои бозори энергетикиро гурӯҳбандӣ кардааст. Ҳамзамон асоснок намудааст, ки методи пешниҳодгардидаи гурӯҳбандии объектҳои инфрасохторӣ метавонад моҳияти илмию назариявӣ, самтҳо ва натиҷаҳои фаъолияти инфрасохтори бозори энергетикиро возеҳ ошкор намояд;

- муаллиф вазъи муосири бозори энергетикии мамлакатро вобаста ба унсурҳои асосии бозори энергетикӣ таҳлил намуда, дар асоси натиҷагирии қиёсӣ тамоюлҳои рушди онро ташаккулёбанда арзёбӣ намудааст. Инчунин, таҳия ва ташкили барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистонро дар самти дастрасии молу маҳсулоти саноатии соҳа, бахусус содагардонии пайвастшавии истеъмолкунандагон, ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ мувофиқи мақсад пешниҳод намудааст, ки хоси рушди барномавии соҳаи энергетика ва иқтисодиёти минтақаҳои Тоҷикистон мебошад;

- муаллиф, ҳолат ва рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ, мушоҳидаҳои шахсӣ, ҳисоботҳои нақшавӣ ва дигар маълумотҳои расмии аналитикӣ таҳлил карда, арзёбии иқтисодӣ намудааст. Инчунин ба

таҳқиқи унсурҳои асосии бозор истеҳсол-истеъмол-нархи молу маҳсулоти соҳа таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда, модели нави иқтисодӣ-риёзии рушди минбаъдаи соҳаро таҳия намуда, дар асоси натиҷаҳои модели таҳия карда шуда, рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро ояндабинӣ намудааст. Қобили қайд аст, ки чунин моделсозӣ ва ояндабинӣ намудани рушди инфрасохторӣ метавонад мувозинати дурусти бозори энергетикии мамлакатро таъмин намуда, ҳамзамон барои таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ташаккулдиҳандаи рушди бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик заминаи мусоид гузорад;

- муаллифи рисолаи диссертатсионӣ самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии мамлакатро дар ташаккули усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчун сарчашмаи иловагии ҷалби сармоягузории рушди инфрасохтори бозори энергетикаи электрикӣ асоснок ва пешниҳод намудааст. Гарчанде, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар объектҳои инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ муқаррар гардида бошад, ҳам муаллиф дар ҳошияи субъекти ягонаи бозори энергияи электрикӣ будани давлат навгонии қолиброи ҷиҳати ҷалби сармоягузорони ватанӣ дар истеҳсоли таҷҳизоти техникию барқиро барои ташаккул ва фаъолияти бетаъхири объектҳои инфрасохтори бозори энергияи барқии мамлакат пешниҳод намудааст;

- бо мақсади саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ва навгониҳои илмӣ, муаллиф рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистонро дар ташкили объектҳои нави инфрасохтори энергияи электрикии алтернативӣ асоснок ва таҳқиқ намудааст. Инчунин барои ба даст овардани натиҷаҳои воқеии навгонии илмӣ дар яке аз минтақаҳои деҳоти кӯҳсори мамлакат озмоиши илмию амалӣ гузаронида, ташкили объектҳои инфрасохтори истеҳсоли энергияи электрикии офтобиро дар минтақаҳои деҳоту кӯҳии мамлакат бо назардошти аҳаммияти иқтисодӣ-камхарҷ, муҳлати кӯтоҳи худхаридкунӣ, хароҷоти кам барои нигоҳдорӣ ва коршоямии дастгоҳу таҷҳизоти энергиядиҳанда ва коҳишдиҳандаи нархи энергияи электрикиро пешниҳод намудааст. Дар асоси натиҷаҳои ба дастоварда шуда, муаллиф исбот кардааст, ки фаъолгардонии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикии офтобӣ дар мамлакат метавонад арзиши аслии истеҳсоли 1 кВт*с. баркро дар бозори мамлакат ба 0,12 сомонӣ расонида, дар оянда дар низоми энергетикаи барқии мамлакат ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобат намояд;

- самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи барқи хурди офтобӣ ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативӣ муайян карда шуда, дар заминаи он аз тарафи муаллиф озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ гузаронида шудааст. Бо истифода аз методи муассири муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ва натиҷагирӣ аз он дар барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ истифода намудани онҳоро пешниҳод намуда, бо ҳамин васила механизми ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат мусоидат намудан ва

баъдан ба роҳ мондани содироти энергияи электрикиро дар заминаи энергияи сабзи арзон таҳия ва пешниҳод намудааст.

## Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар таҳқиқоти худ як чанд нуқтаҳои муҳиму асосиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, ҷиҳати муайянсозии хусусиятҳои соҳавию бозории рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ муқарраротҳи илмиро оид ба таҳқиқи ақидаҳои назариявию методӣ пешниҳод намуда, мафҳуми илмии худро оид ба фаҳмиши илмии инфрасохтори бозори энергетика мафҳумгузорӣ ва маънидод намуда, вобаста ба хусусиятҳои тағйирёбандаи унсурҳои асосии бозор ва истифодаи равиши методӣ, объектҳои ёрирасони бозори энергетикиро гурӯҳбандӣ намудааст. Дар нуқтаи дигари ба ҳимоя пешниҳодшаванда натиҷаҳои таҳлилии вазъи муосири бозори соҳаро барои ташкилу ташаккули барномаҳои соҳавӣ, инчунин пайдо намудани бозорҳои нави пешниҳоди кору хизматҳои энегетикӣ, ҷалб ва даъвати иштирокчиён, бахусус такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ пешниҳод намудааст. Нуқтаи дигари ҷолиби ба химоя пешниҳод шавандаро, дар арзёбии иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ ва таҳия намудани модели иқтисодӣ-риёзии рушди бозори энергетикӣ мушоҳида намудан мумкн аст, ки аҳаммияти илмию амалии таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати рушди бозори энергетикаро доро мебошад. Ҳамзамон, дар асоси фаъолгардонии муносибатҳои корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун самти афзалиятноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ба сифати нуқтаи муҳим ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Ташкилу ташаккули инфрасохтори алтернативии нерӯгоҳи барқии хурду офтобӣ барои таъмини рақобат дар дохили низоми ягонаи энергетикии мамлакат ва соддагардонии дастрасии аҳолӣ бо энергияи электрикиро ҳамчун нуқтаи зарурӣ ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Инчунин, оид ба истифодаи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ нуқтаи алоҳидаро ба ҳимоя пешниҳод намудааст.

## Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи мақсадноки маълумотҳои расмии оморӣ, бахусус ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили онҳо, маълумотҳои боэътимоди мақомотҳои давлатӣ, ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои таҳқиқот, барасмиятдарории натиҷаҳои озмоиши илмӣ-таҳқиқотӣ асоснок менамояд. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотии** таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, дастурамалҳои корӣ ва лоиҳаҳои соҳавӣ дар самти инфрасохтори бозори энергетикӣ, маълумотҳои расмии Вазорати

энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», маълумотҳои расмии ширкати консессионии «Помир-Энерҷи», ширкати саҳҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик», инчунин адабиёти соҳавӣ, асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаи рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ равона шудаанд, ташкил медиҳанд.

## Асоснокӣ, эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия оварда шуда

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаҳои таҳқиқот бо барнома ва мавзуҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқот ва фарзияи илмии таҳқиқот муайян гардида, инчунин муалъумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот вобаста ба мавзуи диссертатсия, инчунин сохтори диссертатсия оварда шудааст (с.4-16).

Дар боби якуми рисола **«Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ»** ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори энергетика дар сохтори саноат, шаклҳо ва гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ ва таҷрибаи хориҷии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва татбиқи паҳлӯҳои муфиди он дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (с. 17-64).

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ фарзияҳои илмӣ, ақидаҳои назариявии намояндагони мактабҳои иқтисодиро таҳқиқ намуда, алоқамандии онҳоро дар таҳияи мафҳуми илмии инфрасохтори бозори энергетикаро вобаста ба хусусиятҳои муосир ва унсурҳои асосии бозор пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ, зери мафҳуми инфрасохтори бозори энергетикӣ - фаъолияти хоҷагидории шаклҳои ҳамкориҳои моддӣ ғайримоддии субъектҳои хоҷагидорикунандае, ки ба мақсади такмилдиҳии раванди истеҳсолот, қонеъгардонии талабот, ташкили неъматҳои моддӣ ва пешниҳоди кору хизматҳои ёрирасон равона карда шудаанд, фаҳмида мешавад (с.29). Воқеан, дар рушди инфрасохтори бозори энергетика ҳангоми мавҷуд набудани яке аз унсурҳои инфрасохтори бозорӣ ё дар мавриди қисман фаъолият накардани яке аз онҳо суръати рушди бозори соҳа коҳиш ёфта, сохтори арзаю тақозо дар бозори энергетика тағйир ёфта, ҳаҷми талафоти даромади соҳавӣ зиёд гардида, ниҳоят сатҳи пардохтпазирии истифодабарандагони энергияи барқӣ коҳиш меёбад.

Бо мақсади пайдо намудани тасаввуроти васеъ нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда ва интихоби методологияи дурусти таҳқиқот, муаллиф дар асоси паҳлӯҳои институтсионалии фаъолияти объектҳои инфрасохторӣ, хусусиятҳои соҳавӣ, алоқамандии унсурҳои бозорӣ-арза ва тақозо ҳамаи объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро гурӯҳбандӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ нисбат ба инфрасохтори бозори дигар молу маҳсулот фарқияти калон дошта, вобаста ба захираҳои мавҷуда, ташкили истеҳсолоти дуруст, фаъолияти мукаммали ҳамаи бахшҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, энергияи электрикӣ ва гармӣ, энергияи алтернативӣ низоми энергетикии мамлакат хусусиятҳои мураккаби худро дорад. (с. 43).

Дар баробари ин, Каримов Р.И. таҷрибаи рушди инфрасохтори бозори энергетикии як қатор мамлакатҳои хориҷиро-Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Белорус ва дигарҳоро мушоҳида ва таҳқиқ намуда, татбиқи паҳлӯҳои муфиди таҷрибаи онҳоро дар таъмини рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод намудааст.

Дар саҳифаи 64 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми ба истифода додани дилхоҳ иншоотҳои номбаргардида нокифоягии объектҳои силсилавии инфрасохтории ёрирасон метавон муҳлати истифодаи иншоотро кам намуда, масрафоти хӯрдашавӣ, пеш аз муҳлат аз кор баромадани дастгоҳу таҷҳизоти техникӣ, кам гардидани иқтидори истеҳсолӣ ва умуман паст гардидани сатҳи самаранокии онҳо оварда расонад. Барои ҳамин, ҷиҳати рушди бозори энергетикии мамлакат вобаста ба таҷрибаи Федератсияи Россия ба объектҳои инфрасохтории аҳаммияти техникию технологидоштаи замонавӣ диққати бештар дода шуда, ҳамзамон, ташкилу бунёди корхонаву муассисаҳои истеҳсоли дастгоҳу таҷҳизоти ватании хусусияти техникии энергетикидошта, пешниҳоди кору хизматҳои соҳавӣ ба монанди - корҳои санҷишиву техникӣ, сохтмонӣ, стандартикунонӣ ва мониторинги мунтазми вазъи бозори энергетикӣ барои Тоҷикистон муфиду мувофиқи мақсад мебошад. Албатта чунин ақидаи назари муаллиф собит менамояд, ки таҷрибаи рушди инфрасохтори бозори энергетикии дигар мамлакати дунёро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман татбиқ намудан нодуруст аст ва танҳо ҳамон ҷузъиёт ва паҳлӯҳои муфиди таҷрибаи онҳоро вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҷрибагирӣ истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Таҳлилу арзёбии вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон»** (с. 65-83) таҳқиқ намуда, дар ин боб вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва тамоюлҳои онро муайян намуда, омилҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити муосирро ошкор ва таҳлил намуда, ташаккулёбии инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро аз нигоҳи иқтисодӣ арзёбӣ намудааст (с. 65-121)

Муаллифи диссертатсияи тақризшаванда вобаста ба динамикаи рушди объектҳои инфрасохтори истеҳсолии бозори энергетикӣ, иқтидори захиравӣ ва захираҳои мавҷудаи энергияи электрикӣ, ҳаҷми истеҳсол ва

истеъмоли энергияи электрикӣ, инчунин афзоиши нархи фурӯши энергияи электрикӣ аз рӯйи категорияҳои истеъмолкунандагон дар Тоҷикистон вазъи ҳозираи рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро ташаккулёбанда арзёбӣ намуда, таҳия ва татбиқи яккатор барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, бахусус энергияи барқии мамлакатро зарур донистааст (с. 67-79).

Инчунин муаллифи рисолаи диссертатсионӣ омилҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикиро дар шароити муосир таҳлил ва омилҳои заминавии рушди инфрасохтори бозори энергетикиро аз рӯйи хусусиятҳояшон, аз рӯйи сатҳи таъсиррасонӣ ва доираи мавҷудияти онҳо дар микёси бозор гурӯҳбандӣ намудааст. Дуруст ва бомаврид қайд намудааст, ки омилҳои мавҷуда дар рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ таъсирҳои мусбӣ ва манфӣ доранд. Инчунин, мушоҳида ҳам намудааст, ки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо манфиатҳои миллӣ ва ба сиёсати давлат дар самти бехатарӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ рабт дошта, ҳамзамон, барои бартараф намудани таъсири манфии омилҳои мавҷуда давлат ҳамчун субъекти асосӣ баромад менамояд (с. 97).

Дар баробари ба даст овардани натиҷаҳои қисмати таҳлилии рисола, муаллиф вобаста ба нишондиҳандаҳои таркибии бозори энергетикии Тоҷикистон тамоюлҳои афзоиши нархи кору хизматҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла фурӯши энергияи электрикиро ошкор намудааст.

Дар асоси натиҷаҳои ба даст овардашуда, модели иқтисодӣ-риёзӣ таҳия ва пешниҳод намуда, суръати миёнаи афзоиши ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории истеҳсол, истеъмол ва фурӯшро (нарх) дар бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои оянда, яъне то соли 2030, бахусус ҳаҷми афзоиши истеҳсоли энергияи электрикии мамлакатро то 26,40 млрд. кВт*с.ояндабинӣ намудааст. Асоснок намудааст, ки нархи кору хизматҳои инфрасохтори энергияи электрикӣ дар солҳоиояндабинишуда ба ҳисоби миёна 50,3 дирамро барои як кВт.*с. энергияи электрикиро ташкил хоҳад дод (с.111-113).

Боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ фарогири масъалаҳои муайян ва асоснок намудани **«Самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон» буда,** ҷиҳати ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди бозори энергетикии Тоҷикистон дар асоси ташаккули энергияи барқароршаванда ва таҳияи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон таҳқиқот гузаронидааст (с.122-177).

Ба андешаи муаллиф, барои рушди объектҳои инфрасохтории бозори энергетикаи мамлакат дар асоси ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба самаранокии истеҳсоли нерӯгоҳҳои барқӣ аз рӯйи иқтидори пурра мусоидат намуда, инчунин қувваи нави истеҳсолиро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин намуда, ба баландбардории сатҳи самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаи асосӣ гузорад (с.131). Ҳамзамон, мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати ташаккули

механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун самти муҳими рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, тақвиятбахшии шакли «корпоративии шарикии давлат ва бахши хусус»-ро мувофиқи мақсад шуморидааст.

Дар саҳифаи 147-150 диссертатсия, муаллиф дар заминаи татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат, инчунин татбиқи механизми иқтисоди сабз дар минтақаҳои кӯҳсори мамлакат ташкили объекти инфрасохтори истеҳсоли энергияи электрикии офтобиро бомаврид дониста, ба таври методӣ ташкили нерӯгоҳи хурди офтобиро ҳисоб намуда, вобаста ба омилҳои мавҷуда ва хусусиятҳои ҷуғрофӣ варианти мувофиқро пешниҳод намудааст. Вобаста ба ин, ҳаҷми хароҷоти сармоя барои истеҳсоли энергия барқии офтобӣ, ҷиҳати муқоисаи иқтисодии нархи энергия, услуби (методикаи) ҳисоби сметавии риёзии ҷамъи нархи шартии (бозорӣи) воситаву таҷҳизоти заруриро барои нерӯгоҳи офтобии иқтидори 5 кВт*с энергияи электрикӣ аз вариантҳои нишондодашуда ҳисоб намуда, муайян намудааст, ки барои ташкили чунин объекти инфрасохтории энергияи электрикӣ хароҷоти умумӣ ҳамагӣ 54700 сомонро ташкил медиҳад.

Аз тарафи муаллиф, ҷиҳати таҳияи «методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон» ва пайдо намудани вариантҳои алтернативии ташкили объектҳои нав барои рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон дар шароити афзоиши талаботи истеъмолӣ, ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон ва ба ҳамин васила мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафи олии рушди кишвар-таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ таҷрибаи озмоишии таҳқиқӣ дар яке аз ноҳияи баландкӯҳи ҷумҳурӣ гузаронида шудаст. Муаллиф дар натиҷаи гузаронидани озмоиши методи муқоисавии техникӣ-иқтисодиро истифода намуда, исбот намудааст, ки хароҷоти умумии чунин объектҳои инфрасохтори барои нерӯгоҳи офтобии иқтидори 5 кВт*с энергияи электрикӣ аз нигоҳи молиявӣ-иқтисодӣ нисбатан арзон буда (54700 сомонӣ), ҳамзамон, дар раванди қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, инчунин дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани таҷҳизоти корӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ё сармоягузорӣ, фоидаи софи объекти инфрасохтори нерӯгоҳи хурди офтобии барқӣ дар як сол 2443,061 сомониро ташкил дода, арзиши аслии 1 кВт*соат барқ бошад, барои истеъмолкунандагони категорияи аҳолӣ ҳамагӣ ба 0,12 сомонӣ баробар мегардад. (с. 153-169).

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои дар рисола таҳия ва пешниҳод гардида, мухтавои асосӣ ва натиҷаҳои ба даст овардашудаи муаллифро асоснок менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳои илмию методӣ ҷиҳати васеъгардонии паҳлӯҳои назариявии таҳияи дурнамои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити тағйирёбии унсурҳои асосии бозори соҳа истифода мешаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар татбиқи амалии пешниҳодҳои асосноккардашуда ва озмоишҳои иқтисодӣ-риёзии гузаронидашуда барои ташкили объектҳои нави инфрасохтори камхарҷ, таъмини энергияи дастрас дар бозори ватанӣ, ҳамзамон, таъсис додани объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергияи электрикӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда бо фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муфид хоҳад буд. Бахусус тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ метавонанд дар фаъолияти корин Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар барномаҳои миёнамуҳлати мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** дар ташаккулдиҳии фаъолияти инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби иштирокчиёни нави бозор, ташкили объектҳои алтернативии инфрасохтори бозор дар асоси энергияи сабз, афзоиши иқтидорҳои истеҳсоли энергияи электрикӣ зоҳир мегардад.

**Аҳаммияти иҷтимоии** таҳқиқот дар вусъатдиҳии объектҳои аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, бахусус тақвиятбахшии барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷиҳати таъмини сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ асоснок мегардад. Натиҷаҳои назариявӣ ва методии таҳия ва пешниҳодшавандаи таҳқиқот дар ҷараёни таълими макотиби олии мамлакат барои тадриси донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯйи ихтисос, аз ҷумла аз фанҳои тахассусии «Бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ» ва «Ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои энергетикӣ» мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

### Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 20 мақолаи илмӣ (инчунин дар ҳаммуаллифӣ) дар ҳаҷми умумии 14,7 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Россия ва 12 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишор гардидааст.

**Сохтори диссертатсия** бо тартиби пайдраҳамӣ таҳия карда шуда, аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 208 саҳифаи компютерӣ таҳия карда шуда, дорои 12 ҷадвал, 16 расм ва 7 замима мебошад.

### Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқ намудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дар самти омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О15 назди Донишгохи техникии Тоҷикистон ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267» тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ки бо бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст мутобиқ ва ҷавобгӯй аст.

### Эродҳо ва тавсияҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар баробари мушоҳида ва арзёбии ҷанбаҳои мусбӣ ва натиҷаҳои илмию назариявӣ ва методиву амалии ба даст овардашуда, диссертатсияи тақризшаванда дорои чунин камбудӣ ва норасогиҳо мебошад:

1. Муаллиф, дар саҳифаи 28 диссертатсия қайд намудааст, ки муносибатҳои ҷамъиятии дар доираи инфрасохтор зуҳурёфта, тавсифи шаффофу силсилавӣ дорад. Инчунин ба ақидаи ӯ табиати илмии инфрасохтори бозор на танҳо духура (душакла), балки дар шакли зинавӣ (иерархӣ) тасвир мегардад. Аммо, дар давоми матни рисола шарҳ ва манзури асосии муаллиф норавшан мондааст;

2. Дар қисмати таҳқиқи методологӣ, як қатор равишҳои методии объектҳои ёрирасон дар инфрасохтори бозори энергетикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба назари мо, ҷолибият ва ғановати рисолаи диссертатсионӣ боз ҳам бештар мегардид, агар муаллиф методи мустақили худро ҷиҳати тасвири шаффоф ва дарки дурусти таҳқиқи объектҳои инфрасохторӣ бозори энергетикӣ дақиқу мушаххас асоснок менамуд;

3. Дар зербоби 2.2. муаллифи диссертатсия маълум намудааст, ки алгоритми арзёбии сохтории бозори энергетикӣ чӣ аз тарафи истеҳсолкунанда ва чӣ аз тарафи иштироккунандаи бозор ва истеъмолкунандаи энергияи электрикӣ ба унсури нархии бозор такя менамояд. Мутаасифона, мақсад ва зарурати истифодаи чунин алгоритми муаллиф тафсилоти пурраи худро наёфтааст. Хуб мебуд, агар муаллиф тафсилоти алгоритми таҳия намудаашро возеҳтар шарҳ медод;

4. Ба ақидаи муаллиф, ҷиҳати ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун самти муҳими рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, тақвиятбахшии шакли «корпоративии шарикии давлат ва бахши хусусӣ» мувофиқи мақсад мебошад (с. 132). Аммо, механизм ва чораҳои дақиқи татбиқ намудани чунин ақидаи муаллиф, инчунин имкониятҳои иқтисодии он то чӣ андоза дар рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ муфид мегардад, пурра тасвир ва маънидод нагардидааст.

Эродҳои мушоҳидагардида аҳаммияти дақиқсозӣ ва маънидодкунии баъзе аз нуктаҳои баён гардидаро дорад ва дар маҷмуъ арзиши асосии кори анҷомдодаи Р.И. Каримовро коҳиш намедиҳад. Новобаста аз ин, диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар сатҳи лозима таҳия карда шуда, аз ҷиҳати мазмуни асосӣ ба талаботҳои муқаррар карда шуда мутобиқ мебошад.

## Хулосаи умумӣ оид ба кори диссертатсионӣ

Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст, кори мустақилона анҷомдода шуда буда, дар сатҳи зарурӣ иҷро карда шудааст. Диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ карда шудааст, мутобиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотиро дар бар гирифта, муаллифи он Каримов Рустам Илҳомович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодӣ муҳандисӣ ва менеҷменти
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд                Авезов А.Ҳ.

Адрес: 735701, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомони, 226
Тел.: 992 92 777 78 78, e-mail: azizullo@businessconsulting.tj

Имзои А.Ҳ. Авезовро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДПДТ ба номи академик М.С. Осимӣ                Юсупова М.Ш.

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
( 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо -10 а.)

## ТАҚРИЗИ

**муқаризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷазода Диловар Хайруддин ба рисолаи диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

### Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсия Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси бандҳои зерини шиносномаи фехристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи самти ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика): 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбию баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 3. Пойгоҳи захиравии рушди соҳаи саноат ва энергетика, проблемаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, нерӯи инсонӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 7. Асосҳои назариявию методологии ташаккул, амалкард ва рушди бозори энергетикӣ; 8. Нархгузорӣ дар бозорҳои захираҳои энергетикӣ, нерӯи барқ ва гармидиҳӣ. Методҳои маҳдудсозии нархгузории инҳисорӣ. Танзими зиддиинҳисории бозорҳои захираҳои энергетикӣ. Сиёсати тарофавӣ дар соҳаи энергетика; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 31. Арзиши бозории субъектҳои хоҷагидории саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Методҳои арзёбии арзиши бозории корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ; 36. Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика мутобиқат менамояд.

## Мубрамияти мавзӯи диссертатсия

Таъмини рушди уствори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат-таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ бо ташаккулдиҳӣ ва рушди инфрасохтори бозори энергетика алоқамандии зич дошта, заминаи асосии рушди интенсивии истеҳсолоти ватанӣ ва баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат маҳсуб меёбад. Саноати энергетика ҳамчун соҳаи сохторбунёдкунанда хусусиятҳои мураккаби рушди худро дошта, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи он таъмини самараноку боэътимод ва пешниҳоди кору хизматҳои босифат барои аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат мебошад. Вобаста ба ин, масъалаҳои истеҳсол, ҳамлу нақл, интиқолу тақсимот, инчунин фурӯши энергияи барқӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар таъмини самаранокии баланди соҳаи энергетика нақши калидӣ дорад. Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ҷиҳати баландбардории иқтидорҳои энергетикӣ, афзоиши истеҳсолот ва баландбардории сатҳи рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ, инчунин устуворгардонии мавқеи онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ заминаи асосӣ гузошта, ба ҳамин васила дар ба татбиқи дигар мақсадҳои олии кишвар мусоидат менамояд, ки таҳқиқи илмии онҳо мубрамияти мавзуи диссертатсиониро асоснок менамояд.

Дар асоси ҳамасола зиёд гардидани талабот ба энергияи электрикӣ вобаста ба тағйирёбии сохтори истеъмолии аҳолӣ ва технологияи истеҳсоли молу маҳсулот, афзоиши шумораи нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқӣ, сохтмони объектҳои нави инфрасохторӣ ҷиҳати таъмини мунтазами хоҷагии халқ бо энергияи электрикӣ, инчунин таҷдиди техникии онҳо барои афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, таъмини кору хизматҳои инноватсионӣ дар бозори энергетикӣ, ки уфуқҳои нави раванди саноатикунонӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти мамлакатро муайян менамояд, ҷустуҷӯи равишҳои назариявӣ ва методии муассири гузаронидани таҳқиқотии нави илмиро тақозо менамояд.

Новобаста аз дараҷаи таҳқиқоти илмии масъалаҳои марбут ба бозори энергетикӣ, ки аз тарафи олимони ватанӣ таҳқиқотҳои гуногунсамт гузаронида шудааст, масъалаҳои таъмини рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли худро ба пуррагӣ пайдо накардааст. Аз ин сабаб, дар раванди мунтазам тағйирёбии вазъи бозорҳои соҳавӣ, фаъолшавии равандҳои сабзгардонии иқтисодиёт ва таъмини оқилона истифодабарии захираҳои энергетикӣ

таҳқиқи маҷмаавии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявию методӣ ва амалиро пайдо менамояд.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда дар асоснокҷунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон зуҳур ёфта, дар асоси таҳия ва баёни ақидаи нави назарияи илмӣ, равиши методологии муаллиф, услуби инфиродии таҳқиқот ҷиҳати такмили самтҳои асосии ташаккул ва рушди устувори объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Бахусус, муаллиф алоқамандии фарзияҳои мураккаби илмиро бо назария ва татбиқшавии онҳоро дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ асоснок намуда, хусусиятҳои хоси объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро тавассути методи инфиродӣ гурӯҳбандӣ намуда, бо истифода аз сабку маҳорати аналитики вазъи бозори энергетикии мамлакатро таҳлилу натиҷагирӣ намуда, тамоюлҳои рушди онро ташаккулёбанда арзёбӣ карда, дар натиҷаи он такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи электрикӣ пешниҳодро намудааст. Инчунин, муаллиф дар асоси таҳқиқи унсурҳои асосии бозор истеҳсол-истеъмол-нархи молу маҳсулоти соҳа модели иқтисодӣ-риёзиро таҳия намуда, ояндабинии рушди онро бо мақсади таъмини мувозинати дурусти бозор ва таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ташаккулдиҳандаи рушди бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик асоснок ва пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин, ташкили объектҳои нави инфрасохтори энергияи электрикии алтернативӣ асоснок ва таҳқиқу озмоиши илмию амалӣ гузаронида, онро ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ баён намуда, ҳамзамон бо истифода аз методи муассири муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ дар минтақаҳои кӯҳистони мамлакат натиҷагирӣ ва заминагузорӣ намудааст.

Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудааст, ба таври зерин тавсиф гардидааст:

- ҷанбаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ асоснок гардида, хусусиятҳои таркибии он ба низом дароварда шуда, аз рӯйи хусусиятҳои истифодабарӣ, сатҳ ва мавқеи

ҷойгиршавӣ дар бозор гурӯҳбандӣ карда шудааст. Ошкор карда шудааст, ки маҳз чунин методи гурӯҳбандӣ метавонад моҳияти илмию назариявӣ, самтҳо ва натиҷаҳои фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро возеҳ ошкор намояд;

- вазъи муосири бозори энергетикии мамлакатро муаллиф таҳлил намуда, вобаста ба натиҷагирии қиёсӣ тамоюлҳои рушди онро ташаккулёбанда арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон, таҳия ва ташкили барномаҳои махсуси рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистонро дар самти дастрасии молу маҳсулоти саноатии соҳа, бахусус содагардонии пайвастшавии истеъмолкунандагон, ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархӣ-тарофавии истифодаи энергияи электрикиро пешниҳод кардааст;

- ҳолат ва рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро таҳлил карда, арзёбии иқтисодӣ намуда, дар асоси таҳқиқи унсурҳои асосии бозор истеҳсол-истеъмол-нархи молу маҳсулоти соҳа модели иқтисодӣ-риёзӣ таҳия карда, рушди минбаъдаи соҳаро ояндабинӣ намудааст. Бо мақсади таъмини мувозинати дурусти бозор таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати ташаккулдиҳандаи рушди бозори энергетикиро дар дурнамои наздик пешниҳод намудааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии мамлакатро муайян карда, ташаккули усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро дар рушди инфрасохтори бозори энергетикаи электрикӣ асоснок ва пешниҳод намудааст;

- рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар ташкили объектҳои нави инфрасохтори энергияи электрикии алтернативиро асоснок ва таҳқиқу озмоиши илмию амалӣ карда, ташкили объектҳои инфрасохтори истеҳсоли энергияи электрикии офтобиро дар минтақаҳои деҳоту кӯҳии мамлакат пешниҳод намудааст. Исбот кардааст, ки фаъолгардонии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикии офтобӣ метавонад арзиши аслии истеҳсоли 1 кВт*с. баркро дар бозори мамлакат ба 0,12 сомонӣ расонида, дар оянда ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобат намояд;

- самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи барқи хурди офтобиро ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативӣ дар асоси гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ муайян кардааст. Бо истифода аз методи муассири муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ дар минтақаҳои кӯҳистони мамлакатро

натиҷагирӣ ва заминагузорӣ намуда, бо ҳамин васила мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат ва ба роҳ мондани содироти энергияи электрикӣ дар заминаи энергияи сабз, таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

## Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқоти илмӣ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

**Дар боби якуми рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф «Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ»**-ро таҳқиқ намуда, дар он ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори энергетикаро дар сохтори саноат баррасӣ карда, шаклҳои асосии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро вобаста ба методологияи гуногунравиш гурӯҳбандӣ намуда, мувофиқи васеъ будани доираи мавзуи таҳқиқот таҷрибаи хориҷии рушди инфрасохтори бозори энергетикиро бо мақсади пайдо ва татбиқи паҳлӯҳои муфиди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Дар рисолаи диссертатсионӣ фарзияи асосии инфрасохтори бозори энергетикӣ ҳамчун таъминкунандаи муътадилияти фаъолияти объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ арзёбӣ гардида, вобаста ба ақидаҳои назариявии намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва давраҳои ташаккулёбии онҳо дар асоси хусусиятҳои муосири бозори энергетикӣ фаҳмиши илмии инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, бо назардошти вобастагӣ ва алоқамандии зич доштани ҳамаи объектҳои инфрасохторӣ дар низоми ягонаи энергетикии мамлакат, муаллиф мафҳуми инфиродии инфрасохтори бозори энергетикии худро дақиқ баён ва пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи муаллиф, вобаста ба шароитҳои иқтисоди бозорӣ ва хусусиятҳои соҳавии бозори энергетикӣ, зери мафҳуми инфрасохтори бозори энергетикӣ - фаъолияти хоҷагидории шаклҳои ҳамкориҳои моддӣ ғайримоддии субъектҳои хоҷагидорикунандае, ки ба мақсади такмилдиҳии раванди истеҳсолот, қонеъгардонии талабот, ташкили неъматҳои моддӣ ва пешниҳоди кору хизматҳои ёрирасон равона карда шудаанд, фаҳмида мешавад (саҳ.29). Ба назари мо, ҳангоме ки вазъи

бозорҳои ҷаҳонӣ ғайричашмдошт тағйир ёфта, ҳамзамон, ҳисоби талаботи бозор ба маҳсулоту хизматҳои энергетикӣ мушкил гардида истодааст, ҷанбаҳои назариявии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикиро, дар қатори мақсадҳои таъинотӣ, функсияҳо, принисипҳо ва механизмҳои рушди онҳо маҳз ҳамин гуна мафҳумгузорӣ ҷиҳати фаҳмиши дақиқ ва дарки дуруст маънидод карда метавонад.

Муаллиф дуруст муайян намудааст, ки ҷузъиёти инфрасохтории бозори энергетикӣ на танҳо дар рушди бозори энергетикӣ, балки ҳамчун заминаҳои асосии татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва дар таъмини муътадилияти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Гузашта аз ин, объектҳои инфрасохторӣ функсияи якҷоя намудани фаъолиятҳои гуногун, аз ҷумла тавассути пешниҳоди кор ё хизматрасонӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодии сарчашмаҳои энергия ва истеъмолкунандагони онро таъмин менамояд (саҳ.46). Албатта, дар таркиби функсионалии инфрасохтори бозори энергетикӣ ҷузъиёти зиёду мураккаб ва ҷараёнҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мунтазам ҳаракат намуда, омехтасозии самтҳои фаъолияти иқтисодиро дар як майдон ҷамъ меоваранд. Бо чунин тасаввуроти илмӣ ба муаллиф муяссар гардидааст, ки сохтори таркибии бозори энергетикии Тоҷикистонро таҳия ва дуруст тасвир намояд.

Бо таваҷҷӯҳ ба моделҳо ва методологияҳои муваффақи иштирокчиёни бозори ҷаҳонии энергетикӣ такя намуда, муаллиф таҷрибаи як қатор ширкатҳои энергетикии ҷаҳонии Федератсияи Россия, Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Белорусро мавриди таҳқиқ қарор дода, моделҳои барои шароити Тоҷикистонро муносибро асоснок ва пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, вобаста ба таҳқиқи масъалаҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикии Федератсияи Россия (ФР) ошкор намудааст, ки ФР равиши ҳамгироии ҳамаи объектҳои ёрирасону хизматрасони бозори энергетикиро дар як маҷрои ягона истифода намуда, бештар ба ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, инчунин мӯҳлати истеҳлоки технологияҳои инфрасохтори бозори энергетика таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Таҷрибаи ИМА дар рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар ташкил ва назорати мунтазами либерализатсияи бозори соҳа мушоҳида шуда, барои иштирокчиёни ин бозор, новобаста аз шакли моликият дастгирӣ ва ҳавасмандиҳои молиявӣ ва кафолатдиҳандагии фаъолияти мунтазамро таъмин намудааст. Бо назардошти ин гуфтаҳо муаллиф хулосабарорӣ намудааст, ки барои рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибагирии маҳз ҳамин ҷузъиёти бозори энергетикии ин мамлакатҳо муфид мебошад (саҳ.64).

**Дар боби дуюм – «Таҳлилу арзёбии вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон» муаллифи рисолаи диссертатсионӣ** вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, ҳамзамон тамоюлҳои рушди минбаъдаи онро муайян намуда, омилҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикиро дар шароити муосир таҳлил карда, инчунин ташаккулёбии инфрасохтори бозори энергетикиро аз нигоҳи иқтисодӣ арзёбӣ намудааст.

Дар асоси як қатор нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодии рушди соҳаи энергетикаи мамлакат вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакатро тавсиф дода, дар он сохтори истеҳсолӣ ва сохтори истеъмолии энергияи электрикии мамлакатро бо назардошти ҳаҷми талабот ва таклифоти бозори энергетикӣ қиёс намуда, роҳандозии нопурраи иқтидорҳои обии энергетикӣ, соҳаҳои энергияталаби бозори энергетикӣ, ҳаҷми истеҳсол ва ҳаҷми истеъмоли энергияи электрикӣ мувофиқи категорияҳои истифодабарандагон ва афзоиши нархи энергияи электрикиро дар давраи солҳои 2016-2022 таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, ба ақидаи ӯ, маълумотҳои таҳлилӣ ошкор менамоянд, ки вазъи имрӯза ба рушди бозори энергетикӣ дар дурнамои дуру наздик аҳаммияти калон дорад. Аз ҷумла, иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда, имкониятҳои ташкилу ташаккули объектҳои муассири инфрасохтори бозори энергетикӣ, ҳаҷми истеҳсол ва сатҳи пешниҳоди кору хизматҳои истеъмолии соҳа дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд (саҳ.78).

Ҳамзамон муаллиф, бомаврид ва дуруст қайд намудааст, ки вобаста ба вазъияти имрӯза, барои рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат зарур аст, ки роҳу усул ва механизмҳои муосири идоракунии захираҳои энергетикии мамлакат, бахусус захираҳои обӣ – энергетикӣ дар асоси талаботҳои бозори дохилӣ (бахши аҳолӣ ва соҳаҳои хоҷагии халқ), инчунин талаботҳои бозори хориҷӣ таҳия карда шавад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асоси маҳдуд ва нокифоягии кору хизматҳои инфрасохтории истихроҷу истеҳоли захираҳои мавҷудаи нефту гази ватанӣ, вобастагии иқтисодиёти мамлакат боқӣ монда, васеъгардонии шакл (намуд) ва шумораи кору хизматҳои инфрасохтори энергетикӣ бошад, афзалиятҳои бештар дорад. Яъне барои Тоҷикистон ҷиҳати рушди бозори энергетикӣ, оқилона истифодабарии захираҳои обӣ-энергетикӣ нисбат ба соҳаҳои нефту газ афзалиятнок буда, маҳз тавассути пешниҳоди миқдори гуногуни кору хизматҳои инфрасохтории бахши энергияи электрикӣ метавон дар солҳои наздик дар бозорҳои ҷаҳонӣ мавқеи намоёнро ишғол намояд (саҳ.82).

Ҷолибияти илмии кори муаллифро дар ошкор ва гурӯҳбандии маҷмуи омилҳои муайянкунандаи самаранокии истеҳсолии объектҳои инфрасохтории энергетикӣ (энергияи электрикӣ) ҷиҳати банизомдарории дуруст мушоҳида намудан мумкин аст, ки ӯ аз рӯйи фарқияти онҳо сабабҳои омилшаванда, гурӯҳбандии пайдарҳамии омилҳои беруна ва дохиларо барои тавсифи дақиқи робита ва вобастагии ширкат ё ташкилоти пешниҳодкунандаи кору хизматҳои инфрасохтории соҳаи энергетикӣ бо мантиқи дуруст тасвир намудааст (саҳ. 89-90). Инчунин, ҳар як омили мавҷударо ҷиҳати пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфии онҳо тавсиф намуда, хусусиятҳои инҳисорӣ доштани пешниҳоди кору хизматҳоро дар бозори энергетикии мамлакат ошкор намуда, асоснок намудааст, ки давлат ҳамчун ягона субъекте мебошад, ки дар пасманзари амният ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ сиёсати энергетикии мамлакатро вобаста ба манфиатҳои миллӣ таҳия намуда, метавонад мувозинати энергетикиро дар бозори энергетикии мамлакат комилан таъмин намояд (саҳ.96). Вобаста ба нуқтаҳои назари илмӣ ва пешниҳодоти асоснок карда шуда, ҷиҳати таъмини рақобатпазирии бозори энергетикии мамлакат дар доираи низоми ягонаи энергетикӣ ҷалби сармояи хусусиро барои таъмини фаъолияти мунтазами объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Бо мақсади тасвири дурусти муқарраротн илмӣ оид ба арзёбии иқтисодии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат, муаллиф бо истифода аз усулҳои мантиқи ва омориву таҳлили иқтисодӣ, вобаста ба иқтидорҳои захиравию имкониятҳои иқтисодӣ, инчунин хусусиятҳои бозорӣ алгоритми арзёбии таъсиррасонии унсурҳои асосӣ-ҳаҷми кору хизматҳои бахши истеъмол, ҳаҷми кору хизматҳои бахши истеҳсол (кору хизматҳои интиқолдиҳӣ ва таъмини дастрасии энергия), инчунин кору хизматҳои фурӯши (нархгузории) энергияи электрикӣ дар сохтори бозори энергетикӣ дар дурнамои наздик дуруст таҳия намуда, бандҳои тасвир намудаи онро шарҳ дода, хуб маънидод намудааст (саҳ. 101-103). Маълум мегардад, ки алгоритми арзёбии сохтории бозори энергетикӣ чӣ аз тарафи истеҳсолкунанда ва чӣ аз тарафи иштироккунандаи бозор ва истеъмолкунандаи энергияи электрикӣ ба унсури нархии бозор такя менамояд. Ба назари мо, мушоҳида мегардад, ки таъсири ҳамагуна омилҳои бозори энергетикӣ, новобаста аз сатҳу доира ва хусусиятҳои таъсиррасонӣ ҳатман ба раванди нархи кору хизматҳои энергетикӣ таъсири худро мерасонанд.

Тавассути истифодаи ҳисобҳои риёзӣ-оморӣ, муаллиф собит менамояд, ки дар ҳамаи солҳои таҳлилӣ (2015-2022) суръати афзоиши нархи кору хизматрасониҳои объектҳои инфрасохтории энергияи электрикӣ нисбат ба суръати истеҳсол ва истеъмол нисбатан баландтар мебошад. Аз ин сабаб, барои дақиқ гардидани мақсади гузошташуда, зариби (коэффисенти) суръати миёнаи афзоиши ин нишондиҳандаҳоро муайян намудааст, ки дар бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус энергияи электрикӣ афзоиши миёнаи ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории бахши истеҳсолӣ 4,25% ташкил додааст, ки натиҷаи ҳамин гуна нишондиҳандаҳо дар ҳаҷми миёнаи кору хизматҳои инфрасохтории истеъмол ва афзоиши миёнаи ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории фурӯш (нарх), мутаносибан 3,2% ва 13, 6% ташкил додаанд (саҳ.106-108).

Дар асоси натиҷаҳои ба даст овардашуда ва бо истифода аз модели иқтисодӣ-риёзӣояндабинии суръати миёнаи афзоиши ҳаҷми кору хизматҳои инфрасохтории истеҳсол, истеъмол ва фурӯшро (нарх) дар бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои оянда, яъне то соли 2030 тасвир карда шудааст. Муаллиф ошкор намудааст, ки вобаста ба вазъи имрӯзаи рушди бозори энергетикии мамлакат дарояндаи наздик то соли 2030, дар асоси амалӣ намудани як қатор чорабиниҳои ташаккулдиҳӣ ва рушди иқтидорҳои нави энергетикӣ ҳаҷми афзоиши истеҳсоли энергияи электрикии мамлакатро мумкин аст то 26,40 млрд. кВт*с расонида шавад. Дар ҳоле, ки ҳаҷми умумии истеъмоли он 15,9 млрд. кВт*с энергияи электрикиро талаб менамояд. Нархи кору хизматҳои инфрасохтори энергияи электрикӣ дар солҳои ояндабинишуда ба ҳисоби миёна 50,3 дирамро барои як кВт.*с. ташкил хоҳад дод (саҳ.110-111). Ҳамзамон муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҳия ва татбиқи барномаи кӯтоҳмуддати фаъолгаронии рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, дар навбати худ метавонад самтҳои афзалиятноки рушди бозори энергетикии мамлакатро муайян намуда, ҷалби бахши хусусиро (бизнесро) дар самти ташаккули объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ бештар гардонад. Инчунин, метавонад барои ташкил ва ташаккули энергия электрикии алтернативӣ заминаҳои муфид гузорад (саҳ.118).

**Дар боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ «Самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон»** мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар он масъалаҳои ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энегетикӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди бозори энергетикии Тоҷикистон дар асоси

ташаккули энергияи барқароршаванда ва таҳияи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон дар якҷоягӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Дар шароити норасогии воситаҳои сармоягузориҳои давлатӣ, сатҳи нокифояи имкониятҳои рақобатпазирии пешниҳоди кору хизматҳои инфрасохторӣ ва бо иқтидорҳои пурра фаъолият накардани объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ, масъалаҳои ҷустуҷӯи сарчашмаҳои нави сармоягузорӣ, шарикони таъминкунандаи рақобати бозорӣ ва таъминкунандаи тавоноии пурраи объектҳои инфрасохторӣ хусусияти аввалиндараҷаро касб менамоянд. Вобаста ба ин банди таҳқиқоти илмӣ, муаллиф як қатор моделҳои ватаниву хориҷии муваффақи шарикии давлат ва бахши хусусиро (ШДБХ) дар сохтмон ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳқиқ намуда, хусусиятҳои хос ва бартариятҳои иқтисодиву иҷтимоии онҳоро асоснок намудааст (саҳ.127-130). Ҳамзамон бо сабки хоси таҳқиқотӣ, дуруст қайд намудааст, ки рушди объектҳои инфрасохтории бозори энергетикаи мамлакат дар асоси ташаккули механизми ШДБХ метавонад ба самаранокии истеҳсоли нерӯгоҳҳои барқӣ аз рӯйи иқтидори пурра мусоидат намуда, инчунин қувваи нави истеҳсолиро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин намуда, ба баландбардории сатҳи самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаи асосӣ гузорад (саҳ.131). Ҷиҳати мушаххасоти тавсеаи мазкур, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки ҷиҳати ташаккули механизми ШДБХ ҳамчун самти муҳими рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, тақвиятбахшии шакли «корпоративии ШДБХ»-ро асоснок ва пешниҳод намояд. Ҳамзамон принсипҳои ҳамкории созишномавӣ, механизмҳои татбиқи лоиҳа, инчунин манфиатҳои тарафҳоро дар шакли модели «B2B ва B2G» хуб тасвир намуда, аҳаммияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва истеъмолии онро тавсиф намудааст. Чунин ақида ва пешниҳоди муаллиф дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро ба ақидаи мо шакли корпоративии ШДБХ имкон медиҳад, ки сармояи хусусӣ тибқи мусоидтарин шароитҳои даромадгирӣ дар иқтисодиёт ҳаракат намуда, ба рушди бозори энергетикии мамлакат таъсири мусбӣ расонида, инчунин дар ғанигардонии буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ саҳми бузург гузорад.

Тамоюлҳои муосири ҷаҳонии экологӣ-иқтисодӣ ва афзоиши ҳамасолаи талабот ба нерӯи барқ бозорҳои ҷаҳониро барои сармоягузорӣ

ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ҳавасманд гардонида, ҳолибияти ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии камхарҷу истеҳсоли энергияи аз нигоҳи экологӣ тозаро бештар гардонида истодаанд. Дар заминаи ин масъала, муаллиф ба тақвиятбахшии масъалаҳои иқтисоди сабз дар мамлакат ҷиҳати таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, ҳамзамон таҳияи низоми истеҳсолоти энергияи электрикӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда диққати бештар зоҳир намудааст. Бахусус қайд намудааст, ки ҷанбаҳои ташкилӣ ва иқтисодии рушди инфрасохтори бозори энергетикаи барқӣ дар Тоҷикистон дар баробари такмили низоми идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва банақшагирӣ, иншооти инфрасохтори энергетикаи обии кишвар дорои сатҳи баланди сармояталабӣ дар мӯҳлати дарози истифодабарӣ, хароҷоти амалиётӣ, бинобар ин арзиши маблағгузории ҷалбшуда омили муҳимтарини самаранокии ин бозор боқӣ мемонад (саҳ.140).

Муаллиф дар асоси хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва демографӣ, инчунин хусусиятҳои соҳавии бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилу татбиқи лоиҳаҳои хурди инфрасохтори энергетикиро дар асоси энергияи барқароршавандаи ғайрианъанавӣ-энергияи офтобӣ ҳамчун самти муҳими ташаккули бозори энергетикии мамлакат мувофиқи мақсад донистааст (саҳ.143). Воқеан, энергияи электрикии аз энергияи офтобӣ истеҳсолшаванда ё энергияи офтобӣ-шакли энергияи тамомнашаванда буда, он аз нигоҳи экологӣ тозаю аз нигоҳи техникӣ бехавф дониста шудааст, ки имрӯзҳо дар бозори энергетикӣ ташкилоту корпоратсияҳо шаклҳои гуногуни кору хизматҳои инфрасохториро пешниҳод намуда, бо мақсади рушди энергетикаи офтобӣ лоиҳаҳои алоҳидаи муассир таҳия намуда истодаанд.

Вобаста ба мақсади асоснок карда шуда, муаллиф бо равиши методӣ вариантҳои муфиди пешниҳоди кору хизматҳои инфрасохтори энергетикиро аз ҳисоби энергияи офтобӣ барои иқтидори истеҳсолии 5 кВт*с энергияи электрикӣ таҳия ва ҳисоб намуда, ошкор намудааст, ки арзиши аслии чунин варианти муфид ҳамагӣ 54700 сомониро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дуруст қайд намуда асоснок намудааст, ки энергетикаи офтобӣ метавонад ҷузъи таркибӣ-инфрасохтои муҳими бозори энергетикии Тоҷикистон гардида, дар қатори ташкили ҷойҳои корӣ, васеъ намудани шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави энергияи барқии обӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энергетикӣ бо энергетикаи барқии муқаррарӣ (НБО ва

МБГ) дар бозор рақобат намуда, ҳамчунин варианти алтернативии низоми энергетикии алоҳидаи мамлакат гардад (саҳ.152).

Ҷолибияти илмию амалии рисолаи тақризшавандаро инчунин дар сабки инфиродии муаллиф мушоҳида намуданд мумкин аст. Бахусус, муаллиф вобаста ба мақсади рисолаи диссертатсионӣ, бахусус пайдо, татбиқ ва асоснок намудани навгонии илмӣ, ҷиҳати таҳияи «методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон» ва пайдо намудани вариантҳои алтернативии ташкили объектҳои нав барои рушди объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити афзоиши талаботи истеъмолӣ, ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон ва ба ҳамин васила мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафи олии рушди кишвар-таъмини истиқлолияти энергетикӣ таҷрибаи озмоишии таҳқиқотиро дар яке аз ноҳияи баландкӯҳи ҷумҳурӣ гузаронидааст (саҳ.155-160).

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки барои тавсеаи дурусти методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус асоснок намудани афзалияти бештари нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ нисбат ба дигар вариантҳои мавҷуда (ХИБ ва НБД) дар суроғаи озмоишшаванда, дар шакли алоҳида таҳқику таҳлили ҳисобҳои иқтисодӣ-риёзӣ гузаронад. Дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ тавассути формулаҳои риёзӣ ва методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ нисбат ба дигар вариантҳои мавҷуда муайян, ошкор ва асоснок намудааст, ки дар қатори се варианти самаранокии ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии ҷумҳурӣ танҳо варианти ташкили нерӯгоҳи хурди барқи офтобӣ (НБОф) қуллай, муфид ва самаранок аст (саҳ.170).

Дар фарҷоми рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бо риоя аз принсипҳои пайдраҳамии мантиқӣ оид ба масъалагузории рисола, хулосаҳо баровардa, дар заминаи онҳо тавсияҳои ҷолибу аҳаммияти илмию назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоидоштаро ҷиҳати рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи мақсадноки маълумотҳои расмии оморӣ, маълумотҳои боэътимоди мақомотҳои

давлатӣ, инчунин иттилооти кушода оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои таҳқиқот, барасмиятдарории натиҷаҳои озмоиши илмӣ-таҳқиқотии муаллиф зоҳир мегардад. Ҳамаи ин, шароит фароҳам оварданд, ки рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароитҳои муосири бозор таҳқиқот карда шавад.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ бо тартиби дуруст ва пайдарҳамии мантиқӣ дар фарзияи илмӣ таҳия гардида, дар асоси алоқамандии онҳо бо ҷанбаҳои назариявӣ натиҷаҳои таҳқиқотии амалӣ таҳия карда шудааст. Аз ҷумла, дар банди дуюми хулосаҳо, муаллиф дуруст хулоса намудааст, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳлилии мавзуъ чунин хулосабарорӣ мегардад, ки айни замон сатҳи рушди саноати энергетикии мамлакат, бахусус инфрасохтори энергетикаи электрикӣ ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат таъсири назаррас дорад. Дар қатори нишондиҳандаҳои рушди инфрасохтори энергетикаи электрикии таъминкунандаи рақобатпазирии соҳа дар бозорҳои дохила ва хориҷа, рушди технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолу интиқолдиҳии нерӯи барқ, заминагузорӣ ба энергияи электрикии алтернативӣ, ташкили бозорҳои якҷояи кору хизматҳои инфрасохтории энергетикӣ муҳим гардида истодааст. Дар заминаи ин хулоса, муаллиф дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, тавсия намудааст, ки фаъолгардонидани равандҳои инноватсионии таҷдиди объектҳои инфрасохтори бозори энергияи электрикии алтернативӣ метавонад ҷузъи таркибии инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон гардида, дар қатори ташкили ҷойҳои корӣ, васеъ намудани шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави энергияи электрикии обӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ – энергетикӣ бо энергетикаи барқии муқаррарӣ (НБО) дар бозори энергетикӣ рақобат намуда, ҳамчунин, варианти алтернативии низоми энергетикии мамлакат гардида, ба ҳамин васила ба татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат мусоидат намояд.

Ҳамзамон, вобаста ба натиҷаҳои ба дастоварда, муаллиф хулоса намудааст, ки такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми тақвиятбахшандаи фаъолияти сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори бозори энергетикаи электрикӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити тағйирёбии мунтазаму ғайричашмдошти вазъи бозорҳои ашёҳо ва молу хизматҳо, таъсири манфии омилҳои беруна ва дохила, муноқишаҳои тиҷоратӣ, муносибатҳои таҳримонаи байни мамлакатҳои-

иштирокчиёни бузурги бозори энергетикӣ, офатҳои табиӣ (хушксолӣ, сербориш, заминҷунбӣ ва дигар ҳодисаҳо) ҳушдор менамоянд, ки дар доираи рушди бозори энергетикаи барқӣ дар Тоҷикистон ташаккул додани энергетикаи офтобӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳимияти хоса дорад. Оид ба ҳамин хулоса, дар асоси натиҷаҳои ҳисобию озмоиши иқтисодии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикӣ дар инфрасохтори нерӯгоҳи хурди офтобии барқии дар суроғаи Вилояти Суғд, водии Яғноб, н. Айнӣ, ҷ\д. Анзоб деҳаи Хишортоб гузаронида исбот намудааст, ки барои таъсиси варианти алтернативии объекти инфрасохтори энергияи электрикӣ офтобӣ бо иқтидори 5 кВт*с ҳамагӣ 54700 сомонӣ сармоягузорӣ ва даромади соф бошад 4631 сомонӣ, инчунин нархи 1 кВт*с. нерӯи барқ ба 0,12 сомонӣ рост омада, методи асоснок карда шуда варианти муфиди рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон мебошад. Аз рӯйи чунин натиҷаҳои ба даст овардашуда, барои мақомотҳои идоракунандаи маҳаллӣ ва соҳаҳои марбутаи мамлакат тавсия гардидааст, ки аз рӯйи натиҷаҳои озмоиши воқей барномаҳои алоҳидаи соҳавӣ-чунин натиҷаҳои озмоиши воқей барномаҳои алоҳидаи соҳавӣ-тақвиятбахшии ташкили объектҳои инфрасохтори нерӯгоҳи хурди офтобӣ таҳия гардида, ҳамзамон, масъалаи мазкур дар барномаҳои кӯтоҳмуддати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардад.

**Сарчашмаи маълумотии** таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, дастурамалҳои корӣ ва лоиҳаҳои соҳавӣ дар самти инфрасохтори бозори энергетикӣ, маълумотҳои расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», маълумотҳои расмии ширкати консессионии «Помир-Энерҷи», ШСХК «Барқи тоҷик», инчунин адабиёти соҳавӣ, асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаи рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ равона шудаанд, ташкил медиҳанд. Аз тасвири умумӣ мушоҳида ва асоснок мегардад, ки муаллифи диссертатсияи тақризшаванда маълумотҳои дақиқ, адабиёти илмию методӣ, ҳисоботи расмии мақомотҳои соҳавӣ ва идоракунандаи давлатиро дар ҳаҷми зарурӣ ҷамъоварӣ намуда, хуб коркард намудааст.

## Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои асосии рисолаи тақризшавандаро мумкин аст, ки дар фаъолияти кории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Системавтоматика», Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории онҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

**Аҳаммияти илмии** натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар омӯзиш ва мубоҳисаи илмию назариявии таҳқиқот зоҳир гардида, дар заминаи онҳо тавсияҳои илмию методӣ ва равиши методологии инфиродии муаллиф инъикос мегардад. Бахусус, муаллиф тавассути равиши системавӣ тавсифдиҳии мафҳумҳои «инфрасохтор», «инфрасохтори бозор» ва «инфрасохтори бозори энергетикӣ» фаҳмиши дуруст ва ақидаи назариявии инфрасохтори бозори энергетикиро баён намуда, ҳамзамон аз тарафи муаллиф мафҳуми нави инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси таъсирарсониҳои як қатор омилҳои дохилаву беруна, мунтазам тағйирёбии сохтори истеъмолии аҳолӣ, инчунин баландшавии сатҳи нархи кору хизматрасониҳои энергетикӣ маънидод карда шудааст. Чунин равиши назариявию мубоҳисавии паҳлӯҳои назариявии рушди инрфасохтори бозори энергетикӣ ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки методи гурӯҳбандии объектҳои инфрасохториро вобаста ба хусусиятҳои истифодабарӣ ва таъинотияшон ба низом дарорад. Дар баробари ин, ҷолибияти ақидаҳои назариявӣ ва илмии муаллифро ба эътиборгирии ҳолатҳои ғайричашмдошт пайдо гардидани ҳаргуна тағйиротҳо дар бозори энергетикӣ асоснок менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоти амалӣ, ки дар асоси таҳқиқи масъалаҳои алоҳидаи мавзуъ ба даст оварда шудаанд, зоҳир гардида, барои таъмини рушди мунтазами инфрасохтори бозори энергетикӣ ва ба ҳамин васила ба татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат мусоидат хоҳад кард. Татбиқи амалии пешниҳодҳои асоноккардашуда ва озмоишҳои иқтисодӣ-риёзии гузаронидашуда барои ташкили объектҳои нави инфрасохтори камхарҷ, таъмини энергияи дастрас дар бозори ватанӣ, ҳамзамон, таъсис додани объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергияи электрикӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда бо фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муфид хоҳад буд. Дар баробари ин, натиҷаҳои бадастовардашуда, метавонанд барои таҳияи барномаҳои давлатӣ,

минтақавӣ ва соҳавии рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат заминаҳои устувор гузоранд.

**Аҳаммияти иқтисодии рисолаи** диссертатсионии тақризшаванда дар татбиқи натиҷаҳо, истифодаи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад, ки муаллиф аҳаммияти иқтисодии онҳоро дар ошкорсозии вазъи муосири бозори энергетикӣ, ҷиҳати қабули қарорҳои дахлдори соҳа, ташкили ҷойҳои корӣ ва роҳандозӣ намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ барои таъмини мунтазами фаъолияти объектҳои инфрасохтори энергетикӣ, натиҷаи таҳлилҳои иқтисодӣ ва ҳисобҳои оморӣ-риёзӣ барои тасвир намудани рушди бозори энергетикӣ бо назардошти пешгирӣ ва саривақт бартараф намудан оқибатҳои омилҳои манфӣ, коҳишдиҳии ҳаҷми талафоти энергияи электрикӣ, ҷалби бахши хусусӣ ҳамчун сарчашмаи иловагии сармоягузории рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ, таҳияи методи муқоисавӣ-озмоишии объектҳои алтерантвии инфрасохтори нерӯгоҳи хурди барқи офтобӣ бо мақсади пайдо намудани сарчашмаи иловагии даромади пулӣ барои буҷети давлат шарҳу тавсиф додааст.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои** рисолаи диссертатсиониро дар васеъгардонии заминаҳои таълимӣ-методии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва роҳандозӣ намудани онҳоро дар раванди таълими мактабҳои олӣ, инчунин пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус тадриси фанҳои тахассусии «Бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ» ва «Ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои энергетикӣ» мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Гузашта аз ин, натиҷаҳои амалии рисолаи диссертатсионӣ дорои аҳаммияти иҷтимоӣ низ дорад. Бахусус дар раванди таҳияи рисола ҷанбаҳои иҷтимоии натиҷаҳои он дар шакли ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини аҳолӣ бо энергияи электрикӣ, ташкили объектҳои инфрасохторӣ, ки метавонад дар ташаккулёбии объектҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанги аҳолии минтақаҳои кӯҳсори мамлакат таъсири мусбӣ расонида сатҳу сифати зиндагии онҳоро баланд бардорад. Инчунин, методҳои пешниҳодгардида ва натиҷаи аз озмоиши илмӣ-таҳқиқоти бардошташуда метавонанд ба татбиқшавии бандҳои алоҳидаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 заминаҳои муҳим гузоранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 20 мақолаи илмӣ (инчунин дар ҳаммуаллифӣ) дар ҳаҷми умумии 14,7 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маълумоти олии Федератсияи Россия нашр шудаанд. Албатта чунин ҳаҷми интишороти муаллиф собит менамояд, ки талаботи асосии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамин самт аз тарафи муаллифи рисолаи тақризшаванда ба пуррагӣ иҷро гардидааст.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рисолаи диссертатсионӣ бо муқаррарот ва бандҳои меъёрии дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дар самти омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267» тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст мутобиқ ва ҷавобгуй мебошад.

**Эродҳо оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар қатори паҳлӯҳои аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалидоштаи рисолаи диссертатсионӣ, инчунин камбудиҳо, хатогиҳо ва саҳлкориҳоро мушоҳида мегардад, ки бо тартиби зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар қисмати назариявии таҳқиқот муаллиф ақидаҳо ва натиҷаҳои илмию таҳқиқотии олимону иқтисоддонҳои хориҷиро бештар иқтибосоварӣ намудааст. Оид ба масъалаҳои таҳқиқи рушди соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон олимону иқтисоддонҳои ватанӣ таҳқиқотҳои зиёд намудаанд, ки истифодабарии натиҷаҳои илмии ватанӣ ва иқтибосоварӣ аз онҳо хулосаи назариявӣ ва таҳияи мафҳуми

инфрасохтори бозори энергетикии аз тарафи муаллиф пешниҳодгардидаро саҳеҳ ва заминаи назариявии таҳқиқоти ӯро устувору ҷолиб мегардонид;

2. Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ бо мақсади муайянсозӣ ва арзёбии вазъи муосири бозори энергетикии мамлакат таҳлилҳои оморӣ гузаронида, тавассути нишондиҳандаҳои дигари иқтисодӣ сатҳи иқтидорҳои энергетикӣ, ҳаҷми истеҳсол ва истеъмол, инчунин афзоиши нархи энергияи электрикиро дар бозори энергетикии ҷумҳурӣ, ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистронро ташаккулёбанда арзёбӣ кардааст. Қайд намудан бомаврид аст, ки вобаста ба ҳаҷми талабот ва таклифоти энергияи электрикӣ дар бозори Тоҷикистон дар мавсимҳои сол як миқдор энергияи электрикӣ содирот карда мешавад, ки муаллиф ин масъаларо аз назари таҳқиқотии худ дур мондааст;

3. Дар зербоби 2.3. рисолаи диссертатсионӣ (саҳ.106) тавассути ҳисоби риёзӣ-оморӣ бо формулаи риёзӣ зариби (коэффисенти) суръати миёнаи афзоиши ҳаҷми истеҳсол, истеъмол ва нархи кору хизматҳои инфрасохтори энергияи электрикиро муайян намудааст. Мутаассифона, барои дарки дурусти методи мазкур ва мақсади асосӣ, муаллиф тафсилот ва шарҳи зарурии онҳоро возеҳ баён накардааст;

4. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия-хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ба таври мушаххас ва дақиқ баён нагардидааст. Хуб мебуд, агар муаллиф хулосаву тавсияҳои худро дақиқан барои истифодаи амалӣ ва натиҷагирии онҳо дар дилхоҳ мақомоти давлатӣ ё соҳаҳои воқеии иқтисодиёти мамлакат пешниҳод менамуд;

5. Матни рисолаи диссертатсионӣ бо шеваи фаҳмо ва хонданибоб таҳия гардидааст. Аммо, дар баъзе аз сатрҳо хатогиҳои имлоӣ дида мешавад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсияи тақризшаванда**

Рисолаи диссертатсионии Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст, кори тахассусии мустақиман анҷомдода шуда буда, дорои ҷолибияти назариявӣ, илмӣ ва амалии дар истеҳсолоти ватанӣ истифодашаванда буда, ба талаботҳои бандҳои 31,32,33 «Тартиби

до дани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267», Низомномаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ва феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгуй аст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботҳои зарурии муқарраргардида таҳия карда шуда, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи он Каримов Рустам Илҳомович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқаризи расмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
декани факултети иқтисодиёт ва
тиҷорати Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон — Хоҷазода Д.Х.

Имзои Хоҷазода Диловар Хайруддинро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроға**: 733036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½
E-mail:khojaev02@mail.ru, Телефон: (+992) +992(37) 234-83-46, 988526060